«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДМТ, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
«_8_»_____04_____2020

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**доир ба диссертатсияи Азизов Комил Ҷурахонович дар мавзӯи «Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа.**

Диссертатсияи Азизов Комил Ҷурахонович дар мавзӯи «Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ» дар кафедраи фанҳои гумантирӣ, идораи минтақавӣ ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Данғара анҷом дода шудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Азизов Комил Ҷурахонович ҳамчун аспиранти шӯъбаи ғоибонаи кафедраи фанҳои гумантирӣ, идораи минтақавӣ ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Данғара ба ҳисоб мерафт. Муаллифи диссертатсия аз соли 2013 то соли 2016 асситент, аз соли 2016 то соли 2018 саромӯзгори кафедраи фанҳои гумантирӣ, идораи минтақавӣ ва сайёҳӣ, аз соли 2018 то 2020 ҷонишини декан оид ба таълим ва аз январи соли 2020 дар вазифаи иҷрокунандаи мудири кафедраи фанҳои гумантирӣ, идораи минтақавӣ ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Данғара фаъолият мекунад.

Соли 2013 факултети фараҳангшиносии Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзодаро аз руи ихтисоси менеҷменти фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ хатм кардааст.

Роҳбарони илмӣ – Комилов Рустам Саъдуллоевич, доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ ва Маҳмадизода Нозим Давлатмурод, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи онтология ва назарияи маърифати ДМТ.

Ҷаласаи кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа доир ба диссертатсияи Азизов Комил Ҷурахонович дар мавзӯи «Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ»-ро таҳлилу баррасӣ намуда, хулосаи зеринро қабул кард:

Диссертатся кори илмии комилу анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳамияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Муаллиф пажӯҳиши пурдоман ва муфассалеро анҷом додааст, ки он дар сатҳи хуби илмӣ таҳия гардидааст.

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар таҳқиқоти илмӣ диссертант аз усул ва равишҳои маъмули илмҳои ҷомеашиносӣ истифода намуда, масъалаҳои ҷанг ва сулҳ, амният, ифтихори миллӣ ва давлату давлатдориро дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ таҳқиқ карда, натиҷаҳои назарраси илмиро ба даст овардааст. Аз ҷумла, дар асоси асари безаволи Фирдавсӣ “Шоҳнома” масъалаҳои мазкур из нигоҳи фалсафӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар он аҳамияти омӯзиши мавзӯъ ва проблемаҳои сатҳи омӯзиши мавзӯъ дар шароити имрӯза нишон дода шудааст. Ба ҳамин хотир омӯзиши ҳамаҷонибаи ин мавзӯъ дар доираи ин кори илмӣ масъалаи калидӣ мебошад. Муҳаққиқ дар омода намудани диссертатсия аз сарчашмаҳои илмии муҳақиқони ватанӣ ва хориҷӣ фаровон истифода намуда, мавқеи хешро оиди масъалаҳои баҳсноки илмӣ дуруст муайян кардааст. Дар рафти таҳқиқ муаллиф аз усулҳои таҳлил, таркиб, таҷрид, индуксия, дедуксия, муқоиса, умумиятдиҳӣ ва ғайра васеъ истифода намудааст.

Мазмуну моҳият ва муҳтавои тадқиқоти илмӣ, коркардҳои методологии дар кор истифодашуда ва натиҷаҳои бадастовардашуда, махсусан таҳқиқотҳоро оид ба масъалаҳои ҷанг ва сулҳ, амният, ифтихори миллӣ ва давлату давлатдорӣ дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, ҳамчунин таъсири ин таҳқиқотҳо ба рушди минбаъдаи фарҳанг, илмҳои иҷтимоӣ, сиёсат, ҳуқуқ назаррас аст. Зеро асосҳои назариявӣ-методологии тадқиқот дар доираи асосҳои консептуалӣ, бо ба инобат гирифтани шарҳи мафҳумҳои ҷанг ва сулҳ, амният, ифтихори миллӣ ва давлату давлатдорӣ, инчунин асоснок кардани заминаҳои фаҳмиши фалсафии онҳо ва омӯзишу таҳқиқи онҳо дар доираи осори мутафаккир нишон дода шудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои кори таҳқиқотӣ** мувофиқ ба талабот муайян гардида, бо қисмати навгониҳо ва қисмати ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳамоҳанг мебошанд. Зимни пажӯҳиш методҳои назариявӣ ва амалии донишҳои илмӣ, аз ҷумла мушоҳида, муқоиса, санҷиш, таҳлил ва таркиб, коркарди мавод, усули герменевтикӣ, аксиологӣ ҷамъбастнамоӣ, воқеъбинӣ, мантиқият, таърихият ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Ҷанбаи назариявиву амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки** яке аз масъалаҳои муҳимми назариявӣ таърифи дурусти мафҳумҳои ҷанг ва сулҳ, амният, ифтихори миллӣ ва давлату давлатдорӣ дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ таҳқиқу баррасӣ гардидаанд. Он таърифҳое, ки дар таҳқиқотҳо оварда шудаанд фарогири мазмуни зерини фалсафианд:

- ба таври маҷмӯавӣ асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши давлату давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ дар асоси сарчашмаҳои фалсафӣ ва сиёсӣ таҳқиқ карда шудаанд;

- таълимоти Авасто ва Зардуштия ҳамчун сарчашмаҳои ғоявии ташаккули ақидаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоию-сиёсии Фирдавсӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд;

- ба таври маҷмӯавӣ муайян карда шудааст, ки вазъияти иҷтимоиву сиёсӣ заминаи ташаккули афкори Фирдавсӣ оид ба давлату давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ баромад менамояд;

- муайя карда шудааст, ки дар афкори Абулқосим Фирдавсӣ таъмин намудани сулҳу амонӣ заминаи асосии ташаккули ифтихори миллӣ ва таъмини амнияти давлату давлатдорӣ ба ҳисоб меравад;

- муайян карда шудааст, ки «Шоҳнома» ҳамчун дастурамал ва асари тарғиботии ғурури миллӣ ва оини давлату давлатдорӣ дар ҷаҳони муосир баромад намуда, дар тарбияи насли наврас мақоми хосса дорад.

**Натиҷаҳои бадастоварда** ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро метавон минбаъд барои иҷрои таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи фалсафа, инчунин, ҳангоми таҳия кардани маҷмӯаҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба фалсафаи тоҷик мавриди истифодабарӣ қарор дод. Илова бар ин, маводи таҳқиқшуда, натиҷа ва хулосаҳои бадастомадаро ҳангоми хондани курсҳои махсус ва тадриси фанни таърихи фалсафаи тоҷик, фалсафаи табиат, онтология ва назарияи маърифат, мафҳумҳои бунёдии фалсафа низ истифода намудан мумкин аст.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти диссертатсияро фаро гирифтаанд.

Мақолаҳои нашрнамудаи Азизов К.Ҷ. дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

1. Азизов К.Ҷ. Сарчашмаҳои асосии ҷанг аз нигоҳи Фирдавсӣ // Паёми Донишгоҳи давлати миллии Тоҷикистон№ 3/4, -Душанбе, 2017. –С. 148-153. ISSN2074-1847

2. Азизов К.Ҷ. Государство и общество в философских воззрениях Фирдавси // Вестник Таджикского национального университета. № 3/4, -Душанбе, 2017. –С.123-127. ISSN2074-1847

3. Азизов К.Ҷ. Таъмини сулҳваамниятдар“Шоҳнома”// Пайёми ДонишгоҳимиллииТоҷикистон, № 9, -Душанбе, 2018.-С. 205-208. ISSN2074-1847

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Азизов Комил Ҷурахонович дар мавзӯи «Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ» кори илмии комилу анҷомёфта мебошад, ки ба ихтисоси 09.00.03- таърихи фалсафа пурра мувофиқат дорад ва онро метавон барои ҳимоя тавсия намуд.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи онтология ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Тоҷиктсон қабул гардид. Дар ҷаласа иштирок карданд 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушода, ҷиҳати ба ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсияи Азизов Комил Ҷурахонович ба тарики зайл сурат гирифт:

тарафдор - 11 нафар; зид - нест, бетараф нест. Суратҷаласаи №11 аз 1.04.2020.

**Мудири кафедраи онтология ва**
**назарияи маърифати ДМТ,**
**н.и.ф., дотсент** **Худойдодзода Ф.Б.**

**Котиб:**
**Муаллими калони кафедраи онтология**
**ва назарияи маърифати ДМТ, н.и.ф.** **Қаландаров М.И.**

Тасдиқ мекунам:
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.**